2023

# ГУЗОРИШ ОИД БА ҲОЛАТИ ҶАЛБИ МАБЛАҒГУЗОРӢ




Ардашер Х.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
28.2.2023

# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ГУЗОРИШ ОИД БА ҲОЛАТИ ҶАЛБИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

Ҳисобот фаъолияти як солаи 2022-ро доир ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби грантҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Ҳисобдиҳанда:

Авзалов Ардашер Хайруллоевич

# ГУЗОРИШ ОИД БА ҲОЛАТИ ҶАЛБИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

Бахши идоракунии лоиҳаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – БИЛ) фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрии амалкунанда ба роҳ монда, дар самтҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо, ҷалби грантҳо ва пешбурди корҳои методӣ дар миёни омӯзгорон оид ба омӯзонидани таҳия намудани лоиҳаҳои илмӣ, тадқиқотӣ, таълимӣ ва истеҳсолӣ ба анҷом расонид. Дар бахши идоракунии лоиҳаҳо як нафар фаъолият менамояд. Аз ҷиҳати сохторӣ БИЛ ба Шуъбаи равобити байналмилалии ДМТ тобеъ мебошад.

БИЛ дар рафти фаъолияти худ, оғоз карда аз 01.01.2022 сол то инҷониб ба таҳия намудани лоиҳаҳо, пешниҳоди дархостҳои лоиҳавӣ, ҷустуҷӯ ва ошкор кардани эълони шарикони рушд оид ба маблағгузорӣ дар самти таълим, илм ва тадиқиқот фаъолияти худро сафарбар намуд. Мақсади асосии БИЛ ин ҷалби маблағгузорӣ ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тадқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин ру, бинобар рушди ҷанбаҳои гуногуни ин навъи фаъолиятҳо, имконпазирии ташкил ва рушди ҳамбастагии илм бо истеҳсолот ва ҷараёни таълим ба таҷрибаи амалӣ самти стратегии рушди ДМТ ҳисобида шудааст, ки амалигардонии он қисман фаъолияти БИЛ-ро фаро мегирад. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо гуруҳи васеъи донорҳо, сармоягузорон, соҳибкорон ва ҳамагуна ашхосе, ки ба сифати шарики стратеги баромад мекунанд, барои ҳамкорӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, хоҷагии қишлоқ, иқтисодиёт ва рушди соҳибкорӣ омодааст. БИЛ дар аксар самтҳои фаъолияти худ ба чунин нишондиҳандаҳо расид.

**Ташкил ва пешбурди гуфтушунидҳо ҷиҳати муаррифи кардани имконниятҳои ДМТ**

Бо мақсади татбиқи фаъолияти номбурда аз ҷониби БИЛ бо шарикони ДМТ, шарикони рушди ҶТ ва корхонаву муассисаҳои манфиатдор як қатор гуфтушунидҳо ташкил ва гузаронида шуданд.

1. Намояндагони лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ” – мақсади вохуриҳо аз рушд додани таҳсилоти фосилавӣ ва таъмини донишгоҳ бо техника ва таҷҳизоти таълимӣ дар муҳити ДМТ иборат мебошад. Дар натиҷаи ин вохуриҳо Маркази таҳсилоти фосилавии донишгоҳ бо таҷҳизоти муосири таълимӣ дар ҳаҷми 1 445 580 сомонӣ таъмин карда шуд, Дар факултети химия як утоқи таълимӣ ба лабораторияи муосир мубадал гардонида шуда, он аз ҳисоби лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ” бо таҷҳизоти муосири лабораторӣи химия дар ҳаҷми 157 350 сомонӣ таъмин карда шуд.
2. Вазорати маориф ва илми ҶТ – ба воситаи ВМИ ҶТ ду маротиба бо шарикони рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон вохурӣ баргузор намуда, дар рафти он лоиҳаҳо ва дархостҳои лоиҳавӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва хулосарониҳо қарор дода шуд. Лоиҳаҳои пешниҳодкардаи БИЛ дар Шуъбаи банақшагирии ВМИ ҶТ ба қайд гирифта шудаанд.
3. Намояндагони расмии ташкилоти байналмилалии JIKA (дафтари JIKA дар Тоҷикистон) – ба нақша гирифта шудааст, ки бо маблағгузории ташкилоти мазкур дар факултети муносибатҳои байналмиллалии ДМТ Маркази Ҷопоншиносӣ ташкил карда шавад. Ба воситаи маркази мазкур дар самтҳои рушди таълиму тарбия дар ДМТ, рушди иқтисодёт ва муҳити зист лоиҳаҳо таҳия шуда, маблағгузории ҷониби Ҷопон ҷалб карда мешавад. Айни ҳол ҷиҳати устувор кардани шарикии иҷтимоӣ дар доираи барномаи Ҷопоншиносӣ олимону муҳаққиқони ҷопонӣ барои хондани лексияҳо дар ДМТ ва сафарбар кардани ҳайати омӯзгорону муҳасиллини донишгоҳ ба донишгоҳҳои Ҷопон нақшабандӣ шуда

истодааст. Ҳамзамон гуфтушунид ҷиҳати рушди самтҳои фаъолияти якҷоя бо ташкилоти JIKA идома дорад.

4. Барномаи рушди СММ – кормандони БИЛ бо ташкилоти мазкур пайваста дар ҳамкорӣ қарор дошта, бо мақсади иштирок дар озмунҳои он чораҳои муасир меандешад. Натиҷаи ҳамкориҳо ин маблағгузори намудани лоиҳаи “Ташкили истеҳсолоти маҳсулоти доруворӣ ва тиҷорати онҳо тавассути платформаи электронӣ (он-лайн)” мебошад. Лоиҳаи номбурда дар ҳаҷми 128000 сомонӣ аз ҷобини БРСММ маблағгузорӣ шудааст. Дар ин радиф боз се лоиҳаи дигар дар самти парвариши гиёҳҳои табобатӣ, рушди малакаҳои соҳибкорӣ ва эҳё намудани пойгоҳҳои таълимии саҳроӣ дар назди БРСММ муаррифӣ гардида, ҷанбаҳои гуногуни он мавриди муҳокима қарор дорад ва ҳоло бошад интизори хулосаи коршиносони ин ташкилот қарор дорем.
5. Ташкилоти байналмилалии Шӯрои ҳамкории рушди фарҳанги Шарқ ва Ғарб – бо маблағгузории ин ташкилот дар хобгоҳи №6 ДМТ Маркази таълимии дузандагӣ ташкил карда шудааст, ки ҳамасола курси таълими дузандагиро 32 нафар донишҷӯдухтар хатм намуда, бо сертификати мутахассиси “Дӯзанда” мушараф мегарданд. Бо мақсади ба кор таъминкунӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии “Шаҳлои ватан” ҳамкори намуда, мутахассисони “Маркази таълимӣ дузандагии назди ДМТ” дар коргоҳҳои ин ташкилот ба фаъолияти кории доимӣ ва мавсимӣ ҷалб карда мешаванд. Дар баробари ин, бо мақсади рушди ҳамкориҳо ҷиҳати ташкили курсҳои омузиши забони кореягӣ дар ҳудуди ДМТ гуфтушунидҳо оғоз гардида идома доранд. Мувофиқи розигии тарафайн як утоқи кории “Маркази омузиши забонҳои ДМТ” аз ҷониби шарики мазкур муҷаҳҳаз карда шуда, ҷараёни забономӯзӣ бо маводҳои таълимӣ таъмин карда мешавад. Самти минбаъдаи ҳамкорӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ба кор таъминкунии шаҳрвандони ҶТ дар ҳудуди Кореяи Ҷанубӣ равона карда мешавад.

6. ЭРАЗМУС+ - дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии Кирғизистон, Узбекистон, Қазоқистон, Болгария, Шветсария ва Олмон лоиҳаи “Рушди докторандураи PhD дар давлатҳои Осиёи марказӣ” (AQADECA), дар ҳамкорӣ миёни ДМТ ва донишгоҳи Зигени Ҷумҳурии федеролии Олмон лоиҳаи “Рушди робототехника, зеҳни сунъӣ, саноати 4.0 ва тақвияти забони олмонӣ” ва лоиҳаи “Рушди институтсионалии таҳсилоти иқтисоди сабз ва энергияи сабз” барои омӯзиш ва маблағгузорӣ пешниҳод шудааст. Гуруҳи муаллифон интизори хулосаи коршиносон мебошанд. Рузҳои наздик муаррифии имкониятҳо дар доираи Барномаи аврупоии Эразмус+ дар ДМТ ташкил карда мешавад.
7. ISTC (Маркази Байналмилалии Илмӣ-Техникӣ) – БИЛ бо Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ дар Тоҷикистон ҳамкори намуда, лоиҳаи Институти илмӣ-тадқиқотии назди ДМТ-ро дар мавзуи “Технологияи коркарди нуриҳои органикӣ аз партовҳои сахти майши ва хоҷагии қишлоқ” ва лоиҳаи “Омузиши пиряхҳои муқими Тоҷикистон пас аз таъсироти Семипалатинск” пешбарӣ карда, дар самти омода кардан ва баргузории дигар чорабиниҳо ҳамкориҳои мутақобилан сӯдманд карда истодааст. Бо ташабуси Директори институт колаборатор аз ШМА дарёфт ва ба кори лоиҳа шомил карда шуд ва БИЛ ҷиҳати дарёфти колаборатор аз Ҷопон чораҳои муасир андешида истодааст. Лоиҳаи “Омузиши пиряхҳои муқими Тоҷикистон пас аз таъсироти Семипалатинск” тасдиқ шудааст, ки гуруҳи татбиқи лоиҳа интизори маблағгузории он мебошанд.
8. Донишгоҳи миллии Коҳира (Миср) ва Бонки Арабистони Саъудӣ– кормандони БИЛ бо намояндагони муассисаҳои мазкур дар Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вохури намуда дар мавзуи парвариш ва интиқоли гиёҳҳои шифобахш ба Ҷумҳурии арабии Миср ва Арабистони Саъудӣ гуфтушунид намуданд. Дар натиҷаи ин гуфтушунидҳо дархости лоиҳавӣ дар ҳаҷми 3 500 000 (сеюним миллион)

доллари ИМА таҳия гардида ба ҷониби Миср пешниҳод карда шуд. Ҳоло бошад мо интизори хулосаҳои олимон ва молияшиносони онҳо мебошем.

9. Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ – кормандони БИЛ ҷиҳати дар амал татбиқ кардани сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии занон ҷораҳои муасир андешида, ҳамкориро дар самти таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо бо Кумита ба роҳ монда истодааст. Самтҳои асосии ҳамкорӣ ин дастгирии донишҷудухтарон, ба таҳсилоти олӣ фаро гирифтани духтарон аз оилаҳои камбизоат, расонилдани ёрии молиявӣ барои пардохти маблағи шартнома ва таъмини шароити мусоиди таълим, иқомат ва аз худ кардани салоҳиятҳои иловагӣ ташкил медиҳад.
10. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – БИЛ бо Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаи Дастраси ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот” ҳамкори карда, ҷиҳати маблағгузории идеяҳо ва корҳои илмӣ-амалии олимон-муҳаққиқони факултети биология ва химия гуфтушунидҳо рафта истодааст.
11. ADB (Бонки Осиёии Рушд) – БИЛ дар ҳамкори бо Бонки Осиёии Рушд пайваста бо шарикони Ҳукумати Тоҷикистон дар самти маблағгузории таҳсилоти олӣ ҳамкорӣ намуда истодааст. Айни ҳол, дар БОР лоиҳаи “Омодагӣ ва такмили STEM дар самти таҳсилоти миёнаи асосӣ дар Тоҷикистон” дар сатҳи Асосноккунии техникӣ-иқтисодии қарор дорад. Як ҷузъи лоиҳаи мазкур ба самти таҳсилоти олӣ равона шудааст, ки асосан ба расонидани ёрии моддӣ-техникӣ равона шудааст.

## Таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ҷиҳати тадбиқи натиҷаҳои таълимӣ, илмӣ ва тадқиқотии ДМТ

Таҳия ва татбиқӣ лоиҳаҳо самти динамикӣ рушдёбандаи ДМТ ба ҳисоб рафта, бо мақсади дар амал тадбиқ кардани натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тадқиқотии ДМТ, ҳамзамон рушди бемайлони ҷанбаҳои

гуногун ва алоқаманди он равона шудааст. Ҷиҳати амалишавии ин самт чунин корҳо ба анҷом расонида шуд:

1. Дар самти ихтисосҳои химия, биология, муҳити зист, геология, кори иҷтимоӣ, дорусозӣ, механикаю-математика, иқтисод, рушди соҳибкорӣ, ва ҳуқуқшиносӣ лоиҳаҳои алоҳида таҳия карда шуд;
2. Дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, кори иҷтимоӣ, экология, ҳалли проблемаҳои гендерӣ дархостҳои грантӣ таҳия ва пешниҳод карда шуданд;
3. Дар факултетҳои химия, ҳуқуқшиносӣ ва механикаю-математика семинар/тренингҳо дар мавзуи таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва дар мавзуи роҳҳои дастрас намудани маблағгузорӣ ба дархостҳои лоиҳавӣ, ташкил ва гузаронида шуд;
4. Татбиқи расмии лоиҳаи "Беҳтаргардонии ҷараёни таълиим ва васеъ кардани имкониятҳои хатмкунандагон" моҳи март ба анҷом расид. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаи маркур ду марказ таъсис дода шуд, панҷ барномаи таҳсилоти аз руи ихтисос таҳия карда шуд, панҷ васоити таълимӣ бо технолгияи муосир омода карда шуд, зиёда аз 2000 нафар хатмкунанда аз курсҳои кутоҳмудат гузаштанд ва ҷиҳати омузиши таҷрибаи пешрафта ҳайати масъулони ДМТ ба як қатор донишгоҳҳои муосири Федератсияи Россия ташриф оварда такмили ихтисос намуданд.
5. Лоиҳаи "Ташкили истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ ва тиҷорати онҳо тавассути платформаи электронӣ (он-лайн)" дар амал татбиқ карда шуд. Дар заминаи лоиҳаи мазкур дар ДМТ Коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти дорвувории шакли моеъ созмон дода шуд. Ҳамзамон дар заминаи лоиҳаи мазкур сомонаи махсус коркард карда шуд, ки самти фаъоиляти он
   - ⇒ муаррифии гиёҳҳои табии шифобахши ҶТ,
   - ⇒ фуруши электронии маҳсулоти доругии аз гиёҳҳои табобатӣ истеҳсолшуда,

⇒ ташкили базаи электронии гиёҳҳои табобатии Тоҷикистон иборат мебошад.

Макони татбиқи лоиҳа Парки технологии ДМТ ва Институти илмӣ-тадқиқотии назди ДМТ мебошад. Суроғаи электронии платформа чунин аст: https://www.tojpharm.tnu.tj/

6. Лоиҳаи “Рушди таҳсилоти фосилавӣ” дар ҳамкори бо Вазорати маориф ва илми ҶТ таҳия карда шуда, мавриди татбиқ қарор дода шуд. Айни ҳол бо лоиҳаи мазкур ба анҷом расид. Ҳаҷми маблағгузории лоиҳа 1 445 580 сомонӣ ташкил дод. Мутобиқ ба талаботи лоиҳаи мазкур корҳои зерин ба анҷом расонида шуд:

⇒ Ҳайати кормандони Маркази таҳсилоти фосилавӣ аз ҷониби мутахассисони ҶДММ “Таҳсилоти Рақамӣ” омузонида шуданд;

⇒ ДМТ ҳамчун муассисаи таҳлимии пилотӣ (таҷрибавӣ) интихоб шуда, минбаъд таҷрибаи он ба дигар донишгоҳҳои кишвар паҳн карда мешавад;

⇒ Маркази таҳсилоти фосилавии ДМТ бо техника ва таҷҳизоти муосири таълимоти фосилавӣ таъмин карда шуд;

7. Дархости лоиҳавӣ дар ҳаҷми 250000 доллари ИМА бо мақсади рушди рақамикунонии ҷараёни таълим дар ДМТ тариқи пилотӣ ва минбаъд тариқи истифҷодабарии устувор таҳия ва ба донорҳои байналмилалӣ пешниҳод шудааст. Тамоми унсурҳои дар лоиҳа пешбинишуда ҷиҳати рушди иқтидори институтсионалии ДМТ равона мешавад, аз ҷумла ба воситаи дархости мазкур замимаҳои муосир ва коршоям коркард карда мешавад, таҷҳизоти технологии муосир ва дарсгузарӣ харидорӣ мешавад, ҳайати омузгорону кормандони донишгоҳ аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида мешаванд, сафарҳои таълимӣ-омӯзиши ташкил ва гузаронида мешавад.

8. Лоиҳаи "Кунҷи Эҷодӣ". БИЛ дар ҳамкорӣ бо Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид барои рушди таҳсилоти иқтисодӣ ва муосиргардонии таҳсилоти иқтисодӣ, дар пояи факултетҳои равияи иқтисодӣ ва молиявии ДМТ "Маркази инноватсияҳои рақамӣ" созмон дода фаъолияти он бо иштироки Ректор ва омузгорони собиқадори ДМТ оғоз карда шуд. Маркази инноватсияи рақамӣ бо тамоми шароити муосири таълимӣ, корӣ ва эҷодӣ таъмин карда шуд.

**Ташкил ва пешбурди ҳамкорӣ миёни масъулон, сохторҳои донишгоҳ бо шарикон ва сармоягузорон.**

Ҳамкории БИЛ бо шахсони масъули воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва намояндагони шарикон ҷиҳати ба даст овардани иттилоот дар бораи эълон, мақсадҳо, ташкил ва баргузории чорабиниҳои якҷоя, татбқи лоиҳа ва шомил шудан ба лоиҳаҳои амалкунанда пайваста анҷом дода мешавад. Ҳамзамон бо ташабуси кормандони БИЛ эълонҳо барои маблағгузории дархостҳои грантӣ дарёфт карда шуда, барои таҳияи лоиҳаҳо ва дархостҳои грантӣ ба воҳидҳои сохтории ДМТ ирсол карда шуданд ва тариқи сомонаи ДМТ www.tnu.tj, саҳифаи интернетии ДМТ дар шабакаи иҷтимоии "Файзбек", телеграмм канали Дархости Лиҳавӣ/Project Request ба иттилои ҳайати омузгорону профессорон расонида мешаванд. Дар рафти чунин ҳамкориҳо БИЛ чунин нишондиҳанда дорад. Аз ҷумла:

1. **Ҷустуҷӯ ва дарёфти грантҳо** – дар ин самт кормандони БИЛ аз аввали сол зиёда аз 50 эълонро тариқи сомона, телефонограмма ва мактуби-иттилоотии хаттӣ ба воҳидҳои сохтории ДМТ ирсол намудааст. Мутаасифона бинобар сабаби беэътиноӣ ва бемасъулиятӣ аз сохторҳои донишгоҳ ягон иттилоот ба БИЛ дар шакли лоиҳа ва ё дархости лоиҳавӣ ворид нашудааст;

2. **Тахияи лоиҳаҳо** – дар ин самт бо 7 воҳиди сохтории ДМТ дар омода кардани 4 лоиҳа ва 12 дархости грантӣ ҳамкорӣ намуд. Айни ҳол дар БИЛ чунин лоиҳаҳо ва дархостҳои лоиҳавӣ таҳия ва мавриди корбарӣ қарор доранд;

   - лоиҳаи “Рушди инфрасохтори факултети биологияи ДМТ” бо ҳайати омузгорону-профессорони факултети биология;

   - лоиҳаи тендери “Оид ба маҳзани маълумотҳо ҷиҳати пайгирии хонандагони марказҳо, Таснифоти байналмилалии стандартии машғулиятҳо (ISCO) ва портали бозори меҳнат” бо муҳақиқон ва мутахасисони Парки технологии ДМТ;

   - лоиҳаи “Барқарорсозӣ ва таҷдиди шаҳраки асримиёнаи "Шаҳртепаппа" бо ҳайати омузгорону-професорони факултети таърих;

   - дархости лоиҳавии “Ташаккули тарзи ҳаёти солим ва некӯаҳволии иҷтимоӣ дар байни насли калонсолони аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо омузгорон ва муассислини ДМТ;

   - ва монанди инҳо.

3. **Иштирок дар чорабиниҳои шарикон** – дар ин самт кормандони БИЛ дар зиёда аз 20 чорабиниҳои ташкилкардаи шарикон фаъолона иштирок намудаанд.
4. **Рушди имкониятҳои Бахш** - бо мақсади рушди малакаҳои лоиҳанависӣ корҳои зерин анҷом дода шуд;

   - дар шабакаи иҷтимоии Телеграмм бо ташаббуси БИЛ канали мустақил созмон дода шуд. Телеграмм канал бо номи Дархости Лиҳавӣ/Project Request кушода шудааст. Ба воситаи канали номбурда тамоми омӯзгорон ва муҳасиллини донишгоҳ мутавонанд унсурҳои гуногуни лоиҳанависӣ, тартиб додани нақшаи татбиқи лоиҳа, таҳияи буҷаи лоиҳа, нақшаи мониторинг

ва арзёбии лоиҳа, тартиби дарёфти донорҳо ва кор бо донорҳо ва монанди инҳо масъалаҳои муҳими таҳия ва татбиқи лоиҳаро меомузанд. Суроғаи электрониаш чунин мебошад: https://t.me/project_request_TNU.

- дар заминаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд БИЛ бо намояндагони Муассисаи давлатии "Бизнес инкубатори Тоҷикистон" ҳамкориҳои муфид намуда, пас аз бастани созишномаи ҳамкорӣ, филиали МД "Бизнес инкубатори Тоҷикистон" дар пояи ДМТ кушода мешавад. Мақсади кушодани филиали мазкур дарёфти истеъдодҳо, рушди соҳибкории ҷавонон, маблағгузории идеяҳои ҳайати омузгорону профессорони ДМТ мебошад.

**Майян кардани самтҳои имконпазири ҷалби сармоягузорӣ.**

Самти мазкур баҳри дуруст ва самаранок ташкил намудани фаъолият оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо равона шудааст. Бо ин мақсад аз ҷониби БИЛ пайваста бо ҳайати омузгорону профессорон, донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён ва намояндагони донорҳо вохуриҳо ташкил карда шуда, самтҳои илмӣ, самтҳои тадқиқотӣ, самтҳое, ки импонпазирии дар амал татдбиқ шуданро доранд, самтҳои рушди таълим, самтҳои маблағгузорӣ ва монанди инҳо таҳлил ва омӯхта мешаванд. Дар заминаи ин гуна таҳилҳо ва омӯзишҳо ошкор карда шуд, ки дар оянда чунин самтҳои хоҷагии халқ ба монанди

⇒ рақамикунонии иқтисодиёт,

⇒ рақамикунонии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва ғ.,

⇒ соддагардонии фаъолияти соҳибкорӣ,

⇒ рушди деҳот ва проблемаҳои ба он вобаста,

⇒ ҳифзи экология, муҳити зист, проблемаҳои об,

⇒ таъмини самараноки баробарии гендерӣ, баробарии даромади гендерӣ ва хоҷагидорӣ,

⇒ дорусозӣ,

⇒ истеҳсоли маҳсулоти менаралии арзон,

⇒ рушди манзараҳои ҷангал ва ҳайвоноту наботот, аз ҷумла гиёҳҳои табобатӣ ва монанди инҳо, ниёз ба рушду такомул доранд.

Ба воситаи ҳали самтҳои дар боло номбаршуда имконпазирии таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳо ва дархостҳои грантӣ бениҳоят калон мебошад.

**Мушкилоти асосие, ки дар фаъолияти БИЛ мушоҳида карда мешавад:**

- ҳавасманд набудани ҳайати омузгорон, профессорон ва муассислини донишгоҳ;
- дарк накардани моҳияти татбиқи идеяҳо тариқи лоиҳа ва дархостҳои лоиҳавӣ;
- надонистани забонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла англисӣ ва руссӣ;
- тарсидан аз пешбарии идеяҳои худ баҳри таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо;
- истифода накардани имкониятҳои воҳидҳои сохтории амалкунандаи ДМТ, аз ҷумла имкониятҳои лабораторияҳо, марказҳо, коргоҳҳои Парки технологӣ,;
- монеа эъҷод кардан нисбати шахсони ташабускор, аз ҷумла муҳақиқони ҷавон;
- беҳад камфаъол будани самти илмҳои гуманитарӣ;
- пинҳон кардани иттилоот дар бораи идея, лоиҳаҳо ва ҳамкориҳо бо шарикон, донорҳо ва салмоягузорон;
- нодуруст фаҳмидани моҳияти лоиҳанависӣ, кор бо донорҳо, ҷалби маблағгузорӣ, тақсими маблағгузорӣ ва кор бо БИЛ;

**Роҳҳои тахминии ҳали мушкилот аз нуқтаи назари БИЛ:**

- Пурзур кардани фаъолият вобаста ба таҳияи лоиҳаҳо;
- Ба корҳои лоиҳанависӣ ҷалб намудани аксарияти омузгорони факултетҳо;
- Ҳамозҳангсози кардани фаъолияти тамоми омузгорон ва кафедраҳои факултет бо муовини декан оид ба илм ва Бахши идоракунии лоиҳаҳо;
- Ташкили дурусти риояи тартиби таҳия ва пешниҳоди иттилоот ба раёсати донигоҳ;
- Пешбурди корҳои ташкили ҷиҳати таҳияи лоиҳаҳои муштарак бо дигар сохторҳои донишгоҳ;
- Ташкили курсҳо вобаста ба асосҳои лоиҳанависӣ ва тартиби пешбурди корҳои лоиҳавӣ.

Ссылки

1. https://tnu.tj/index.php/en/meeting-with-the-counselor-of-the-embassy-of-japan-in-the-republic-of-tajikistan/
2. https://tnu.tj/index.php/tj/3-umin-forumi-bajnalmillalii-avonon-oid-ba-gazu-naft/
3. https://tnu.tj/index.php/tj/albi-donish-dar-kori-loi-ai-dorusoz/
4. https://tnu.tj/index.php/ru/otkryt-priem-zajavok-na-uchastie-v-jekologicheskom-konkurse-relx/
5. https://tnu.tj/index.php/ru/akselerator-klimaticheskih-innovacij-adaptacionnogo-fonda/
6. https://t.me/project_request_TNU
7. https://www.tojpharm.tnu.tj/